**ТАҚРИЗ**

**ба авторефирати диссертатсияи номзадии Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи «Таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назарияи ва методикаи омӯзишу парвариш (забои ва адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст. –Душанбе, 2020, 26 саҳифа.**

Замони Истиқлол имкон фароҳам овард, ки мо ба осори бузургони олами динниамон таҷдиди назар кунем ва рӯзгору осору андешаҳои ахлоқию педагогии онҳоро таҳқиқ намоем. Бунёдгузори мазҳаби ҳанафӣ – Имоми Аъзам дар олами ислом нақши мондагор гузоштаанд ва беш аз ҳазор сол аст, ки мо – тоҷикон аз ин мазҳаб пайравӣ мекунем. Мазҳаби Имоми Аъзам дар ҳамбастагии миллатҳои Осиёи Миёна нақши калидӣ бозидааст ва имрӯз, ки замони бархурди тамаддунҳост, ин мазҳаб метавонад дар сулҳу ҳамдилии миллатҳо роли асосӣ бозад. Ба ин маънӣ, диссертатсияи номзадии Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи «Таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ» хеле бамаврид ва актуалист.

Фишурдаи диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як аз фаслҳои махсус иборатандд, хулоса ва китобнома иборат аст. Унвони бобҳову фаслҳо ва зерфаслҳо ба мавзӯи таҳқиқ комилан мувофиқанд. Нақшаи диссертатсия ба ҳадаф ва вазифаҳои мавзӯи тадқиқ пурра ҷавобгӯянд. Сохтори автореферат ба хусусият ва характери масъалахои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад. Дар муқаддима, се боб ва хулоса масъалаҳои назарию амалии мавзӯйи мавриди таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи интихобшуда, объект, замина ва давраҳои озмоиш, дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаи таҳқиқ, тозагии илмии он, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ мушаххас ифода ёфтааст. Муаллиф дар асоси усули таърихӣ-қиёсии омӯзиши осори адабӣ (мазҳабӣ) ва методология муосири таълим ба

таҳқиқи масоили мавриди назар пардохта, ба дастовардҳои донишмандони хориҷию ватанӣ такя кардааст.

Муаллиф дар ҳар бобу фаслҳо ва зерфаслҳои автореферат масъалаеро аз мавзӯи таҳқиқ баррасӣ мекунад ва бо муайян кардани моҳияти масъала методи таълими онро пешниҳод мекунад. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки хонанда доир ба ҳар мавзӯю масъалаи мавриди таҳқиқ маълумоти дақиқ мегирад. Баррасии методи талими ҳар масъала низ дақиқкорона муайян шудаанд. Дар хулоса натоиҷи бадастомада аз таҳқиқи мавзӯъ мухтасар баён шудаанд, ки ҳар як пояи мантиқӣ доранд.

Бо камоли боварӣ гуфтан метавон муаллиф ба мақсади пешгузоштааш муваффақ шудааст, вале агар ба масъалаҳои зер бештар диққат медод, арзиши илмии рисола боз ҳам меафзуд:

1. Дар автореферат баъзе масъала батафсил баён шудаанд, имкон дошт, ки онҳоро мухтасар баён кард ва ба диссертатсия ишора кард.
2. Калимоту таъбироти арабӣ хеле зиёд ба кор рафтаанд, ки дарки масъаларо барои хонандаи одӣ душвор мегардонад.

Сарфи назар аз ин, автореферати диссертатсияи номзадии Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи «Таълими рӯзгору осор ва ақидаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ» як таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба автореферати рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

НИМ. Назаров Маъруф

Номзади илмҳои педагогӣ

Мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам

ШУЪБАИ КАДРҲО